# Хулосаи

*комиссияи экспертӣ аз ҳайати аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, www.tajagroun.tj, E-mail: mtti2009@mail.ru) доир ба қабули диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдошро дар мавзӯи «Ҳавас-мандгардонии фаъолияти соҳибкории бахши аграрии минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо ва комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)*

Соҳаи кишоварзӣ дар системаи иқтисодӣ мавқеи хоса дорад. Зеро бе сатҳи зарурии рушди он фаъолияти мӯътадили соҳаҳои дигар ва ҳалли масъалаҳои озуқаи ҷамъият ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар ҳамагуна системаи иқтисодӣ, хусусан дар шароитҳои иқтисоди бозорӣ таъмини фаъолияти самараноки соҳаи кишоварзӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар давраи ташаккули иқтисоди бозорӣ барои рафъи вазъияти бухронии дар соҳаи кишоварзӣ бамиёномада, ки ба сабаби вайрон шудани системаи робитаҳои шаклгирифтаи истеҳсолию хоҷагии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо шарикон аз дигар соҳаҳои КАС ва истеъмолкунандагон рӯй додаанд, дар деҳот марказҳои ҳаёти иқтисодии деҳотро дар намуди сохторҳои соҳибкорӣ ташкил кардан лозим аст. Онҳо барои афзун намудани иқтидори тиҷо-ратию маркетингии иқтисоди кишоварзӣ замина фароҳам меоранд, ҳамеша ба таҳқиқоти ҷиддии илмӣ ниёз до-рад.

Тавре маълум аст, истеҳсолоти кишоварзӣ чун соҳаи заминаофари комплекси агросаноатӣ якчанд хусусиятҳои назаррас дорад, ки онҳо ба раванди такрористеҳсол ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Хусусан дар ин ҷо, омилҳои иқтисодӣ ва биологӣ ба ҳам алоқаманданд, ки самаранокии истеҳсолот дар маҷмӯъ ба мувофиқати комили онҳо вобаста аст. Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар соҳибкории кишоварзӣ хусусиятҳои биологӣ ва имконоти намудҳои алоҳидаи растанию ҳайвонот, мутобиқати онҳо ба шароитҳои табиию иқлимӣ ва хусусиятҳои технологии парвариши онҳоро донистан лозим аст.

Тоҷикистон - кишвари аграрӣ буда, кишоварзӣ бахши муҳими иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Солҳои сипаришудаи давраи соҳибистиқлолии давлат бо идомаи азнавсозии кишоварзӣ, ки бо татбиқи ислоҳоти аграрӣ ва тағйирёбии моликият вобастагӣ дорад.

Тағйироти қатъии дар бахши аграрӣ бавуҷудомада ва иқтисоди бозорӣ дар деҳот, сохтори ташкилии самаранок ва муносибро, ки бояд моҳият ва рӯҳияи ислоҳотро ифода кунанд, тақозо менамояд. Яке аз чунин шаклҳои бозории хоҷагидорӣ дар деҳот хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки ба додани замин бо ҳуқуқи истифодаи дарозмуддат ва ё ба тavри мерос асос ёфтаанд, ба ҳисоб меравнд.

Бо мақсади такмил додани механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ барои рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ, самаранок ис-

тифода бурдани дастгирию имтиёзҳои давлатӣ барои рушди фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ин ва мушкилоти дигар дар доираи рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ дар шароити ҷумҳурӣ, ҳамчунин таҳияи нокифояи назариявӣ ва амалии он интихоби мавзӯи кори диссертатсиониро муайян намудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ дарҷёфта илман асоснок буда, бо далелҳо тасдиқ карда шудаанд.

**1.** Диссертатсия мувофиқи талаботҳои банди 53-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016), таҳия карда шудааст. Ташхиси муқаддимавии диссертатсия дар ҷаласаи муштараки байникафедравии факултетҳои молиявию иқтисодӣ ва иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (суратҷаласаи №2, аз 29.01.2020) гузаронида шуда, ба он хулосаи мусбӣ дода шудааст.

**2.** Кори диссертатсионӣ ба талаботҳои банди 10-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016), ҷавобгуй мебошад. Он кори илман асосноки баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта башумор меравад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастовардашуда аз он иборат аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои илмии он барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот, фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди соҳибкории аграрӣ ва сармоягузорони он дар вилояти Хатлон ва минтақаҳои дигари Тоҷикистон метавон истифода бурд.

**3.** Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдошро дар мавзӯи «Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории бахши аграрии минтақа» аз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)», инчунин ба талаботи Феҳрести ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1/3, аз 27.04.2017) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**4.** Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 15 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ба банди 14 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» мувофиқат мекунад.

**5.** Ҳангоми таҳияи кори диссертатсинӣ талаботи банди 16-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016), оид ба истифодаи адабиётҳо ва дигар маводҳо бо нишондоди манбаи бадастомада риоя карда шудааст.

**6.** Кори диссертатсионӣ ба талаботи банди 11-и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 аз 26.11.2016) ҷавобгуй мебошад. Он аз ҷониби муаллиф мус-

тақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгуй мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

**7.** Талаботи бандҳои 46 ва 55-и «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 26.11.2016) ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд:

7.1. Кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдошро дар мавзӯи «Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории бахши аграрии минтақа» тибқи **банди 46-и** «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505) **зери таҳрири** «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад.

7.2. Ба кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад:

**а) ба сифати муқарризони расмӣ**:

**Низамова Туҳфамо Давлатовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш.Душанбе хиёб.Рӯдакӣ 17, ☎-корӣ:(+992 37) 2217711, ☎-моб.: (+992) 934 238220, www.tnu.tj);

**Раҳимов Ҷамшед Одинабекович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (734055, ш.Душанбе, хиёб.Борбад 48/5, ☎-корӣ:(+992 37)234-88-00, ☎-моб.:(+992)938 454488, www.dsx.tj).

**б) ба сифати муассисаи тақриздиҳанда:**

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14, ☏-корӣ: (+992 37) 2310837; 2310201, www.tgfeu.tj)

**8.** Чоп ва ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи дарназардошта ва автореферати диссертатсия дар сомонаи расмии ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Нашриякунонии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:

Доктори илмҳои иқтисодӣ — Раҷабов Р.К.

Аъзоёни комиссия:

Номзади илмҳои иқтисодӣ — Шарофов У.

Номзади илмҳои иқтисодӣ — Ашуров Ш.А.